# Тақризи

# беруна ба фишурдаи рисолаи диссертатсионии Солеҳов Мирзо Одинаевич “Саноии Ғазнавӣ ва марҳалаҳои асосии инкишофи назми тасаввуфии форсу тоҷик” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 01.- Адабиёти тоҷик

Дар таърихи адабиёти классикии форсӣ исми Саноӣ бо тасаввуфу ирфон робитаи зичу ногусастанӣ дорад. Агарчи қабл аз вуруди Саноӣ ба адаби порсӣ тасаввуф, оро ва русуму ахлоқи он вуҷуд доштанд ва, ҳатто, баъзан нукоте аз афкори мутасаввифона дар ашъори шоирони ҷудогуна, бархурд мешуданд, аммо, инсоф он аст, ки назми тасаввуфии форсиро мадюни кӯшишҳову заҳамоти Ҳакими Ғазна бишмарем ва ӯро асосгузори дарунгироӣ ё андешаи моварроуттабиӣ дар матолиби гуногуни шеъри порсӣ эътироф намоем. Зеро, дар ҳақиқат, андешаи номаъмул ва номуътод дар шеъри порсӣ, ки иртибот бо ирфону тасаввуф дорад, бори нахуст дар эҷодиёти гаронмояи Ҳаким Саноӣ басту насҷ ёфта, ба ҳайси як сафинаи пештоз дар амвоҷи пурталотуми суханварии порсӣ рояти зуҳур барафроштааст.

Шеъри Саноӣ, дар асли худ, шеъри андеша аст, зеро, чунонки бар ихлосмандони ин шоири гаронмоя маълум аст, ҳамин андеша, дарқиқтар: ҳамин тағйири андеша ва таҳаввулоти мафкуравии Ҳаким авомили инқилоботи фикриро дар шахси ӯ ва кулли суханварони ҳамзамон ва баъди вай ба бор оварданд ва мӯҷиби шусташавии мунҷалоби афкори хушомадгӯёнаву мутаккалифона аз сафаҳоти адаби порсӣ гардиданд. Шеъри Саноӣ бозгаштан аз арзиши маҷозии зиндагӣ ва муроҷиат бар ҳақиқат аст, ки тариқи сипаридани он тасаввуф ва мароҳилу асфори он аст. Ин ки Саноӣ гуфта:

Бозгаштам з-он чӣ гуфтам, з-он ки нест
Дар сухан маънову дар маъно сухан,

мубаййини ҳамин нукта аст ва тахрикдиҳандаи муаллифи он ба сӯйи таҳаввулоти ақидатӣ.

Бо ин ки дар иртибот бар шинохти Саноии Ғазнавӣ ва осори ӯ аз ҷониби чӣ муҳаққиқони хориҷӣ ва чӣ ватанӣ таҳқиқоти зиёд ва гуногунҷанбаъ рӯйи кор омадаанд ва ҳар кадомро дар ҷойи худ метавон ба ҳайси кори арзишманд дар шумор овард, дар адабиётшиносии муосири тоҷик боз ҳам баъзе аз паҳлуҳои ҳунари ин ҳакими вораста то ба ҳол ниёз бар пажуҳиши ҷиддитару фарогиртар дорад. Аз зумраи паҳлуҳои камтаҳқиқшудаи эҷодиёти Саноӣ дар адабиётшиносии тоҷик – ин афкори сӯфиёна ва муттаалимонаи шоир мебошанд, ки дар либоси шеъри тасаввуфӣ муназзам гардидаанд. Ҳаким Саноии Ғазнавӣ бузургтарин шоири сӯфӣ ё мутасаввиф ва ҳамчун асосгузори шеъри сӯфиёнаву таълимии форсӣ эътироф гардидааст. Бинобар ҳамин,

мавзӯи интихобнамудаи Солеҳов Мирзо Одинаевич “Саноии Ғазнавӣ ва марҳалаҳои асосии инкишофи назми тасаввуфии форсу тоҷик” дар мавриди худ аз мавзӯоти нисбатан наву актуалӣ ба ҳисоб рафта, дар адабиётшиносии чӣ даврони шӯравӣ ва чӣ имрӯз то ба ҳол аз ҷониби муҳаққиқе маҳалли тадқиқу таҳқиқи вижаву паҳноманд воқеъ нагардидааст.

Чунонки аз фишурдаи рисолаи диссертатсионӣ дида мешавад, он иборат аз муқаддима, се боб, шаш зерфасл, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда мебошад. Дар тавсифи умумии рисола муаллиф дар хусуси аҳаммияти мавзӯи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навовариҳои кор, усул ва равишҳои таҳқиқ, арзиши назарӣ ва амалии рисолаи диссертатсионӣ, нукоти асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда сухан рондааст.

Дар қисмати дараҷаи таҳқиқ фаҳмида мешавад, ки дар адабиётшиносии ватанӣ ва хориҷ дар хусуси афкору орои Саноӣ, ба вижа, андешаҳои сӯфиёна ва дигар матолиби марбут бар тасаввуфи вай аз тарафи баъзе муҳаққиқон корҳои қобили таваҷҷуҳ низ сурат гирифтаанд. Ҳарчанд ки дар қатори дигар муҳаққиқони хориҷ дар ин маврид исме аз Шафеии Кадканӣ ва Абдулҳусайни Зарринкӯб гирифта нашуда, бо ин ҳама, асомии аксари муҳаққиқони хориҷиву ватанӣ, ки оид ба Саноӣ ва эҷодиёти вай таҳқиқоти гаронмоя бурдаанд, дар қисмати марбутаи фишурда зикр гаштаанд, ки ин аз тааммуқи муаллифи рисола дар жарфнои мавзӯи зибаҳс хабар медиҳад. Зимнан, дар тақвияти фикри муаллифи фишурда зикр кардан бамаврид аст, ки Шафеии Кадканӣ ва Абдулҳусайни Зарринкӯб дар таъйини мавқеи Ҳаким Саноӣ ба ҳайси як шоири бузурги сӯфӣ ё сӯфимашраб дар адаби порсӣ хидматҳои шоиста кардаанд, ки нодида гирифтани онон дар радифи муҳаққиқоне, ки дар фишурда оварда шудаанд, ба андешаи мо, то ҷое мӯҷиби холои ин қисмати фишурда хоҳад гардид. Бо ин ки муаллифи мухтарам дар фишурдаи рисолаи диссертатсионии аз зикри номи муҳаққиқони мазбур ва осори фавқуззикри онон инҳироф ҷуста ё қалами баён дареғ доштаанд, бояд қайд намуд, ки саҳми ин муҳаққиқон дар таҳқиқи Саноӣ ва осори ӯ беназиру бесобиқа аст. Дар “Тозиёнаҳои сулук”- и Шафеии Кадканӣ ва “Арзиши мероси сӯфия”, “Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон” ва “Бо корвони ҳулла”- и Абдулҳусайни Зарринкӯб бисёре аз паҳлуҳои марбут бар мавзӯи Саноӣ ва шеъри ӯ, бахусус, ашъори сӯфиёнаи ҳаким мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд, ки дар қиёс бо аксари таҳқиқоти дар ин маврид суратгирифта, ки номгӯйи онҳо дар муқаддимаи фишурда оварда шудааст, аҳаммияти ба маротиб бештар доранд.

Аммо, бо вуҷуди ин холо, дар таҳқиқоти диссертатсионии М. Солеҳов осори зиёде аз муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, ки ба Саноӣ ва ашъори тасаввуфии вай ихтисос ёфтаанд, мавриди корбурду истифода қарор гирифтаанд, ки, дар ҳақиқат, вуҷуди онҳо холои мазкурро то ҳадде муталошӣ

месозанд. Муаллиф дар такя аз тақайюдоти осори таҳқиқии мазбур ва таҳлилу муқоисаи онҳо тавониста, ки дар ин росто андешаи шахсии хешро дар иртибот бар ҳунари шоирӣ, афкори сӯфиёнаву ирфонӣ ва дигар паҳлуҳои эҷодиёти Ҳаким Саноӣ ияброз намояд.

Ҷанбаи илмии таҳқиқ басо мустаҳкам аст, дар он тамомии қавоид ва қонунҳои навиштории илмӣ риоя шудаанд. Сабки таҳқиқ комилан илмӣ аст ва дар он услуби бадеъгуфториву такаллуфоти ҳунарӣ, ки хосси нависандагӣ аст ва, мутаассифона, гоҳо дар баъзе рисолаҳои илмии диссертатсионӣ ба назар мерасанд, корбурд нашудааст. Ҷанбаи таҳлиливу таҳқиқии кор ҳам шоистаи қайд аст. Дар саропойи фишурдаи рисола назари махсуси муаллифи он бар матолиби мавзӯи интихобкардааш ба чашм мерасад, ки ин далолат бар истиқлоли андеша ва таҳлили мустақилонаи хасоиси мавзӯоти кор менамояд.

Хулосаи таҳқиқоти муаллиф дар фишурда ба гунаи мӯҷазу кифояткунанда бар мавзӯоти мунтахаби вай матраҳ гардидаст. Дар фишурда, бо ин ки баъзе аз ғалатҳо ба чашм мерасанд, ҳамагӣ дувумдараҷаанд ва ба ҳеҷ ваҷҳ авомили коҳиши корро ба бор намеоваранд. Бад-ин минвол, бояд қайд кард, ки дар арзиши умумӣ фишурдаи рисолаи диссертатсионии Солеҳов Мирзо Одинаевич “Саноии Ғазнавӣ ва марҳалаҳои асосии инкишофи назми тасаввуфии форсу тоҷик” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 01.- Адабиёти тоҷик сазовор буда, муаллифи он лоиқи дараҷаи мазкури илмӣ мебошад.

*Д.и.ф., профессори кафедраи забони тоҷикии ДДМИТ:* *Саидҷаъфаров О.Ш.*

*Имзои Саидҷаъфаров О.Ш.- ро тасдиқ менамоям.*
*Сардори шуъбаи кадрҳои ДДМИТ:* *Раҷабов Б.С.*

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ